# ХУЛОСАИ
# ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-003 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН АЗ РӮЙИ ДИССЕРТАТСИЯ БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ ДОКТОРИ ФАЛСАФА (PhD)

**Парвандаи аттестатсионии №______________**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 18.01.2025, №76**

**Барои сазовор донистани Сайфиддинзода Самариддин Сайфиддин, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит)**

Диссертатсияи Сайфиддинзода Самариддин Сайфиддин дар мавзуи «Рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит) санаи 18.11.2024 (суратмаҷлиси №86а) ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-003 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, Хиёбони Рӯдакӣ 17), ки бо фармоиши раиси КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 03.12.2021 таҳти №349 таъсис дода шудааст, барои ҳимоя қабул карда шуд.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Сайфиддинзода Самариддин Сайфиддин 14-уми ноябри соли 1997 дар ноҳияи Данғара таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон. Соли 2015 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро дар зинаи бакалавриат аз рӯйи ихтисоси технология ва низоми иттилоотӣ дар иқтисодиёт хатм кардааст, соли 2019 зинаи магистратураро низ дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси низоми иттилоотӣ дар иқтисодиёт хатм кардааст. Соли 2021 ба шуъбаи докторантураи PhD-и Донишгоҳи милли Тоҷикстон дохил шуда, онро аз рӯйи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит дар соли 2024 хатм кардааст.

Дар рафти иҷрои диссертатсия Сайфиддинзода С.С. дар солҳои 2021-2024 докторанти (PhD)-и кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба шумор мерафт.

Диссертатсия дар кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ: Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ, Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**Шарифов Зариф Раҳмонович** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур;

**Раҳимов Сайдалӣ Холович** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Деҳотӣ ½). Тақризи муассисаи пешбар, ки аз ҷониби эксперт н.и.и., дотсент Бобоев Ш.Н. омода карда шуда, аз тарафи раиси ҷаласа, доктор PhD дотсент Раҷабов О.Ҷ. имзо гардида, дар ҷаласаи кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон аз 3-юми январи соли 2025, суратҷаласаи №6 баррасӣ гардидааст. Он аз ҷониби ректори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон д.и.т., дотсент Назарзода Х.Х. 3-юми январи соли 2025 тасдиқ карда шуда, дорои хулосаи мусбат мебошад.

Дар тақризи муассисаи пешбар қайд гардидааст, ки диссертатсия кори илмӣ - тахассусиро таҷассум намуда, натиҷаҳои асосии диссертатсия дорои навгонии илмӣ буда, барои ҳалли мушкилоти назариявию методологӣ ва амалии баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ мусоидат карда метавонад. Аҳаммияти он дар асоснок кардани ҷанбаҳои назариявӣ, таҳияи тавсияҳои методӣ ва амалии рушди низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити рақамикунонӣ ифода меёбанд.

Дар тақриз хулоса бароварда шудааст, ки диссертатсияи Сайфиддинзода Самариддин Сайфиддин дар мавзуи «Рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит) пешниҳод шудааст, кори илмии мукаммал ва баанҷомрасида буда, дар он натиҷаҳои нави назариявӣ ва амалии аз ҷиҳати илмӣ асоснок ба даст оварда шудаанд ва диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34, 35, 36, 37, Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад

Автореферат ва мақолаҳои илмии ба табъ расонидаи унвонҷӯ таркиби асосии диссертатсияро дарбар гирифта, натиҷаҳои таҳқиқотро ҳамчун дастоварди нави илмӣ ҳисобидан мумкин аст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ оид ба мавзӯи диссертатсия 8 адад мақолаи илмӣ, аз ҷумла дар маҷаллаҳои тақризшаванда 6 мақола чоп кардааст.

**Муҳимтарин интишороти муаллиф доир ба мавзӯи диссертатсия:**

***А. Интишорот дар нашриёҳо ва маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон***

1. Сайфиддинзода С.С. Таҳлили динамикаи нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / С.С. Сайфиддинзода // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – 2020. - № 1/4 (80). – С. 204-207

2. Сайфиддинзода, С.С. Таҳлили самаранокии имтиёзҳои андозӣ [Матн] /С.С. Сайфиддинзода // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – 2022. - № ½ (98). – С. 232-238

3. Сайфиддинзода С.С. Моҳияти баҳисобгирии идоракунӣ ва заминаҳои таҳаввули он [Матн] / С.С. Сайфиддинзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. - № 6-2. – С. 170-179

4. Сайфиддинзода, С.С. Заминаҳои рақамикунонии баҳисобгирии идоракунӣ [Матн] / С.С. Сайфиддинзода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2024. - № 2 (52). – С. 352-359

5. Сайфиддинзода, С.С. Вазъи муосири ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити рақамикунонӣ [Матн] / С.С. Сайфиддинзода // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. - № 2.(41) – С. 28-34

6. Сайфиддинзода, С.С. Истифодаи воситаҳои муосири рақамикунонӣ дар баҳисобгирии идоракунӣ [Матн] / Қ.Х. Хушвахтзода, С.С. Сайфиддинзода // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. - № 3- (42)– С. 25-32

***Б. Мақолаҳо дар дигар нашриёҳо***

7. Сайфиддинзода, С.С. Трансформация подходов к формированию информации управленческого учета в условиях цифровой экономики [Текст] / С.С. Сайфиддинзода // Экономика и современный менеджмент: теория, методология, практика. Сборник статей XIX Международной научно-практической конференции. – Пенза: МЦНС «Наука и Просвещение». – 2024. – С. 65-68

8. Сайфиддинзода, С.С. Влияние цифровизации на информационную базу управленческого учета [Текст] / С.С. Сайфиддинзода // Экономика в теории и на практике: актуальные вопросы и современные аспекты. Сборник статей XIX Международной научно-практической конференции. – Пенза: МЦНС «Наука и Просвещение». – 2024. – С. 31-34

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳо ворид шудаанд аз:**

**1. Раҳматов Б.Қ.** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент мудири кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва андозбандии Донишгоҳи давлатии Данғара бо эроди зерин: 1. Масъалаи ҳамгироии буҷетикунонӣ ва баҳисобгирии идоракуниро дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт бештар диққат медод, муҳтавои кори диссертатсионӣ бурд мекард.

**2. Қудратов Р.Р.** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бо эродҳои зерин: 1. Ҳолати воқеии баҳисобгирии идоракунии корхонаи мушаххас дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт то андозае аз доираи омӯзиши муаллиф дур мондааст; 2. Агар муаллиф бештар мавқеи илмии иқтисодчиёнро мавриди омӯзиш қарор медод, ки онҳо масъалаҳои рушди баҳисобгирии идоракуниро дар шароити иқтисоди рақамӣ фарогир мебуданд.

**3. Гадоев Д.О.** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи таҳлили ва аудити Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон бо эродҳои зерин: 1. 1. Муаллиф дар саҳ. 15 автореферат қайд мекунад, ки дар якчанд корхонаҳо бо истифодаи таҷрибаи пешқадами хориҷии корбурди воситаҳои рақамикунонӣ сатҳи ташкилии баҳисобгирии идоракунӣ хеле баланд бардошта шудааст, вале мушаххас қайд нашудааст, ки маҳз дар бораи кадом корхонаҳо сухан меравад ва кадом ҷиҳатҳои таҷрибаи хориҷӣ татбиқ шудаанд; 2. Дар саҳ. 20 оид ба корбурди воситаҳои муосири рақамикунонӣ дар баҳисобгирии идоракунии стратегӣ сухан ронда шуда, таъкид мешавад, ки онҳо набояд равандҳои тиҷоратии дар корхона амалкунандаро душвор гардонида, ба ҳар гуна нофаҳмиҳо ва паст шудани масъулияти кормандон боис шавад. Хуб мебуд, агар намунаи ҳолатҳои рух додани ин гуна нофаҳмиҳо низ нишон дода мешуданд.

**4. Шамсиддинов М.М.** – номзади илмҳои иқтисодӣ, мутахассис оид ба пардохтҳои “Лоиҳаи дуюми мукаммалгардонии идоракунии молияи давлатии назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо эроди зерин: 1. Аз муҳтавои диссертатсия ба назар мерасад, ки таҳқиқот дар доираи корхонаҳои истеҳсолӣ бурда шудааст. Хуб мебуд, агар ба масъалаҳои рушди баҳисобгирии идоракунӣ бо истифодаи технологияҳои рақамӣ дар корхонаҳои соҳаҳои дигар (аз ҷумла хизматрасонӣ) низ таваҷҷуҳ зоҳир мегардид; 2. Дар таҳқиқот асосан барномаҳои муҳосибии ширкати 1С ба таҳқиқ фаро гирифта шудаанд. Оё дар корхонаҳои таҳқиқшаванда барномаҳои компютерии муҳосибии дигар истеҳсолкунандагон истифода

намешаванд? Аз муҳтавои автореферат ба ин савол ҷавоб пайдо карда нашудааст.

**Интихоби муқарризони расмӣ** бо пешниҳоди комиссияи экспертӣ, инчунин бо мавҷудияти интишороти муқарризон дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит ва меъёрҳои баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

**Интихоби муассисаи тақриздиҳанда** бо он асоснок карда шудааст, ки ДДТТ оид ба самти илми дахлдор дастовардҳои назаррас дорад ва қодир аст, мутобиқати муҳтавои диссертатсияро ба ихтисос ва соҳаи илм муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- ҷанбаъҳои назариявии ташаккули баҳисобгирии идоракунӣ ҳамчун унсури асосии таъминоти иттилоотиии низоми идоракунии корхонаҳо мавриди таҳқиқот қарор гирифтааст. Андешаҳои илмии олимони гуногун оид ба мафҳум ва моҳияти баҳисобгирии идоракунӣ омӯхта шуда, нуқтаи назари муаллиф дар ин бора аниқ карда шудааст. Ҳамчунин асосҳои ташаккули низоми баҳисобгирии идоракунии рақамӣ таҳқиқ гардида, хусусиятҳои асосии марҳилаҳои истифодаи воситаҳои рақамӣ дар баҳисобгирии муҳосибӣ **муайян карда шудаанд**.

- тағйирёбии аломатҳои баҳисобгирии идоракунӣ бо таъсири рақамикунонӣ таҳқиқ шуда, шароити ташаккули низоми нави баҳисобгирии идоракунӣ муайян карда шудааст. Заминаҳои табдили равишҳои методии ташаккули иттилооти баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ таҳлил ва арзёбӣ карда шудаанд. Амсилаи ташкили баҳисобгирии идоракунии боэътимод дар шароити иқтисоди рақамӣ **пешниҳод шудааст**;

- **исбот шудааст**, ки вазъи муосири ташкил ва пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ бо дарназардошти хусусиятҳои иқтисоди рақамӣ дар корхонаҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамбастагӣ бо истифода аз воситаҳои муосири коркарди автомтикунонидашудаи иттилоот дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудааст. Дар ин замина роҳҳои таҳкими ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар асоси имконоти васеи иқтисоди рақамӣ муайян карда шуда, механизмҳои ташкили босамар ва табиқи баҳисобгирии идоракунӣ коркард карда шудааст.

- **асоснок карда шудааст**, ки баҳисобгирии идоракунӣ дар асоси таҳлил ва арзёбии имконияти корбурди воситаҳои муосири рақамикунонӣ ботадриҷ ҳамчун пойгоҳи иттилоотӣ барои қабули қарорҳои идоракунии босамар дар асоси методологияи баҳисобгирӣ,

банақшагирӣ, буҷетикунонӣ, назорат, таҳлили идоракунӣ ва ояндабинӣ бaромад мекунад.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо инҳо асоснок карда шудааст:**

- **исбот карда шудааст**, ки дар илми иқтисодиёти ватанӣ то кунун масъалаи таҳқиқоти ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ таҳқиқ карда нашудааст. Дар диссертатсияи мазкур барои бунёд намудани асосҳои назариявӣ ва методии ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ коркардҳои муаллифӣ таҳия карда шудаанд;

- **усулҳои илмии** мантиқӣ, таҳлилӣ, иқтисодӣ-оморӣ, иқтисодӣ-риёзӣ, графикӣ, коршиносӣ, истисно, муқоиса, ҷамъбасти иттилоот ва ғайра баҳри ҳалли вазифаҳои дар диссертатсия гузошташуда истифода шудаанд;

- **баён шудани** асосҳои назариявию методии рушди баҳисобгирии идоракунӣ, таҳқиқи амалияи баҳисобгирии идоракунӣ, вазъи пойгоҳи иттилоотии низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт. Омӯзиши масъалаҳои зикршуда имконият фароҳам овард, ки ҳолати муосири ташкил ва пешбурди баҳисобгирии идоракунии рақамӣ ошкор карда шуда, дурнамои рушди баҳисобгирии идоракунии рақамӣ тавассути коркари амсилаҳо, воситаҳо ва тавсияҳои методӣ муайян карда шавад.

- **ошкор карда шудааст,** ки ки бо истифода аз воситаҳои муосири рақамикунонӣ, технологияҳои иттилоотӣ ва бастаҳои нармафзори баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаҳои тиҷоратӣ низоми автоматикунонидашудаи баҳисобгирии идоракунӣ мумкин аст ташкил карда шавад, ки он ба рушди баҳисобгирии идоракунӣ мусоидат карда, самаранокии иқтисодӣ ва рақобатпазирии маҳсулотро баланд бардошта, рушди устувори корхонаро дар шароити муосири иқтисодӣ таъмин мекунад.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад:**

- **коркард ва ҷорӣ карда шуд:** натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар раванди таълим дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маълумотномаи 421-1 аз 28.08.2024) ва дар раванди фаъолияти кории субъекти иқтисодии ҶСК "Азот" (маълумотномаи №3/182 аз 12.01.2024) истифода шудаанд;

- **муайян карда шуд,** ки корбурди маҳсулоти нармафзори 1С: ERP ва амсилаи пешбурди якҷояи намудҳои баҳисобгирӣ бо истифодаи 1С: ERP барои рақамикунонии иҷрои вазифаҳои баҳисобгирии идоракунӣ, таҳияи амсилаи таркиби воситаҳои рақамикунонии баҳисобгирии идоракунӣ барои таъмини кори муносиби низоми автоматикунонидашудаи

баҳисобгирии идоракунӣ дар субъектҳои иқтисодӣ имконияти воқеӣ фароҳам меорад;

- **муаррифӣ карда шуд:** низоми автоматикунонидашудаи баҳисобгирии идоракунӣ, ки воситаҳои методӣ ва нармафзори он барои иҷрои вазифаҳои баҳисобгирии идоракунии стратегӣ дар корхонаҳои тиҷоратӣ имкон медиҳанд; методикаҳои пешбурди баҳисобгирии идоракунии стратегӣ дар шароити рақамикунонӣ барои корхонаҳои тиҷоратӣ; амсилаи низоми ҳамгирои баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии молиявӣ дар шароити рақамикунонӣ, ки самаранокии низоми автоматикунонидашудаи баҳисобгирии идоракунӣ дар субъектҳои иқтисодиро баланд мебардоранд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон дод, ки:**

- **назарияи таҳқиқ** дар заминаи муқаррароти назариявию консептуалии таҳиянамудаи олимони соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва иқтисоди рақамӣ, санадҳои меъёрию ҳуқуқии танзими баҳисобгирии муҳосибӣ ва татбиқи иқтисоди рақамӣ, омӯзиши имконоти барномаҳои компютерие, ки дар заминаи онҳо баҳисобгирии идоракуниро татбиқ намудан мумкин аст;

- **ғояи** таҳқиқот дар асоси стратегия ва барномаҳои давлатии татбиқ ва рушди иқтисоди рақамӣ, консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, танзими муносибатҳои иқтисодӣ ва рушди низоми баҳисобгирии муҳосибӣ, дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводҳои конференсияҳои илмию амалӣ, маводи таҳлилӣ ва таҳқиқотӣ **асоснок шудааст;**

- **аслият ва навгониҳои** натиҷаҳои таҳқиқот оид ба такмил ва рушди низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт бо далелҳои мушаххас, коркарди механизмҳо, амсилаҳо ва тавсияҳои методии коркардшуда тасдиқ шудаанд;

- **усулҳои муосири** ҷамъоварӣ ва коркарди маълумот зимни тартибдиҳии ҷадвалҳо, таҳияи диаграммаҳо, таҳияи амсилаҳои татбиқи баҳисобгирии идоракунӣ бо дарназардошти хусусиятҳои иқтисоди рақамӣ ва коркарди тавсияҳо оид ба такмил ва рушди баҳисобгирии идоракунии рақамӣ истифода шудааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ:**

- саҳми шахсии муаллиф дар таҳлил ва ҷамъбаст кардан, ба низом даровардан, аниқ ва пурра кардани равишҳои назариявию методӣ ва ҷанбаҳои амалии ташкил ва пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ бо истифодаи воситаҳои муосири рақамикунонӣ ва бастаҳои нармафзори муҳосибӣ ифода меёбад;

- тавсияҳои амалии таҳқиқоти муаллиф ҳангоми мукаммалгардонии низоми баҳисобгирии идоракунӣ, ҷорӣ намудани равишҳои махсуси ташкил ва пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ бо истифода аз таъминоти барномавӣ, корбурди воситаҳои методии баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити рақамикунонии фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ метавонанд мавриди истифода қарор дода шаванд;

- аз рӯйи мавзӯи таҳқиқот 8 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 6 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидааст;

- ба тасвиб расонидани натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар конференсияҳои илмӣ-назариявии байналмилалӣ ва семинарҳои илмӣ.

Дар маҷлис аз 18 январи соли 2025 шурои диссертатсионӣ барои сазовор донистани Сайфиддинзода Самариддин Сайфиддин ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит) қарор қабул намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 14 нафар иштирок доштанд, аз он ҷумла – 5 нафар мутахассис аз руйи диссертатсияи баррасишаванда. Аз 16 нафар ҳайати умумиии узви шуро, овоз доданд: тарафдор – 14 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Муовини раиси шурои диссертатсионӣ, д.и.и., дотсент** **Низомов С.Ф.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ, н.и.и.** **Бобиев И.А.**

**18 январи соли 2025**

**Муҳри муассиса**